**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА–035-и**
**назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос**

**Парвандаи аттестатсионии № 1**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18-уми апрели соли 2024, № 9**

Дар бораи сазовор донистани Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ).

Диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзуи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) санаи 11-уми январи соли 2024 (суратҷаласаи № 4) дар шурои диссертатсионии 6D.КОА–035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №114/шд аз 19.05.2023 с.) ба ҳимоя қабул шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич соли 1992 дар ноҳияи Дарвоз таваллуд шудааст. Соли 2014 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории ноҳияи Раштро бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ бо дипломи “аъло” ва соли 2016 факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Томски Федератсияи Россияро хатм намудааст. Дар замони таҳияи рисолаи илмӣ Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич докторанти фалсафа (PhD)-и кафедраи

таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2016-2020), ҳамзамон хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2017-2018) ва муаллими калони кафедраи таърих ва ҷомеашиносии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ буд.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

**Роҳбари илмӣ –** Мунавваров Манзар - н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** Маликов Маҳмуд Ҳакимович - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

Икромов Ғайбулло Холович - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" дар тақризи мусбати таҳиякардаи доктори илмҳои таърих, профессор Алимов Давлаталӣ Халилович, ки дар ҷаласаи кафедра (29.03.2024) таҳти роҳбарии мудири кафедра –Мирзоев Ғ.Ш. баррасӣ ва бо имзои ректори Донишгоҳи мазкур – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. тасдиқ шудаст (30.03.2024), зикр менамояд, ки диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзуи **«Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)»** таҳқиқоти илмии арзанда, наву тоза буда, диссертант

бо фарогирии тамоми масъалаҳо ва ҷанбаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқот, натиҷагирӣ ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ аз уҳдаи ҳаллу фасли вазифа ва ҳадафҳои дар диссертатсия гузоштааш ба хубӣ баромадааст. Диссертатсия бо назардошти арзиши илмӣ, мубрамӣ, фарогирии масоили таҳқиқот, хулоса, тавсияҳои илмӣ ва сифати вироиш ба меъёрҳои банди 31, 33, 34, 35 ва 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, диссертант Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

Мазмуни асосии рисола дар 8 мақолаи илмӣ муаллиф, аз ҷумла 5 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд, таҷассум ёфтааст. Дар интишороти диссертант нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Интишороти мақолаҳо дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Давлатшоев, Р. Аввалин боргоҳи илми тоҷик – заминаи асосии рушди фаъолияти академик Мулло Эркаев / Р. Давлатшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №2. – С. 97 - 103. ISSN 2074-1847.
2. Давлатшоев, Р. Омӯзгори асил, муаррих ва корманди ҷамъиятӣ / Р. Давлатшоев // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №4 (012). – С. 40 - 43. ISSN 2076-2569.
3. Давлатшоев, Р. Муаррихи асил академик Мулло Эркаев / Р. Давлатшоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 112 - 116. ISSN 2074-1847.

4. Давлатшоев, Р. Труженик просвещения и науки / Р. Давлатшоев, Т. З. Мунавварова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №10. – С. 33 - 37. ISSN 2074-1847.

5. Давлатшоев, Р. Фаъолияти ташкилию ҷамъиятии академик Мулло Эркаев / Р. Давлатшоев, М. Мунавваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №7. – С. 60 - 67. ISSN 2074-1847

**Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

6. Давлатшоев, Р. Омӯзгори асил, муаррих ва ходими ҷамъиятиву сиёсӣ / Р. Давлатшоев // Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе: Мулквар, 2021. – С. 85-93.

7. Мунавварова, Т.З. Труженик просвещения и науки / Т.З. Мунавварова, Р. Давлатшоев // Ахтарони илми таърих (Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ»). – Душанбе: Мулквар, 2021. – С. 47-58.

8. Давлатшоев, Р. Нақши академик Мулло Эркаев дар назария ва амалияи касби омӯзгорӣ / Р. Давлатшоев // Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115 – солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров 23 декабри 2023). – Душанбе, 2023. – С. 285-288.

**Ба автореферати диссертатсия чанд тақриз ба шурои диссертатсионӣ ирсол шудааст:**

1. **Ҳамидова М.М.** – номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. *Тақриз мусбат, эродҳо вуҷуд надоранд.*

2. **Ганҷакова М.Г.** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. *Тақриз мусбат, эродҳо вуҷуд надоранд.*

3. **Шарофов Э.У.** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. *Тақриз мусбат, эродҳо вуҷуд надоранд.*

4. **Мираксзода Ф.Ю.** – номзади илмҳои таърих, дотсент, Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. *Тақриз мусбат, як эрод вуҷуд дорад.*

Муқарризон дар асоси баррасии автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) ба аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварии кор ва дастовардҳои илмии унвонҷӯ таъкид намуда, муаллифи рисоларо барои дарёфти дараҷаи илми доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ сазовор донистаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок карда мешавад, ки аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ ва доир ба масъалаҳои гуногуни таърихи илму маориф, хусусан, маълумоти олии касбии Тоҷикистон дар давраи шуравӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамоянд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант:**

- ***коркард карда* шуд:** самтҳои таҳқиқнашудаи ҳаёт ва фаъолияти илмиву омӯзгории академик Мулло Эркаевро комил менамояд. Тибқи ин идеяи илмӣ омӯзиши инъикоси масъалаҳои таҳлилу баррасии фаъолияти илмиву омӯзгорӣ академик М. Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон дар солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX муайян карда шудааст;

- ***пешниҳод шудааст:*** фаъолияти академик Мулло Эркаев гуногунпаҳлу буда, танҳо саҳми илмиву омӯзгории олимро таҳлилу баррасӣ ва ба таври ошкоро баён намудаанд. Маълумотҳои зикргардида дар таҳияи лексияҳои курсҳои махсус, дастурҳои илмию методӣ, оид ба таърихи ватанӣ дар мактабҳои олӣ, дар корҳои илмиву таълимӣ, маърифатӣ ва амалӣ – тарбиявии ҷавонон, махсусан, омӯзгорони ҷавон пешниҳод карда мешавад;

- ***исбот шудааст:*** вазъи илму маориф, махсусан, омоданамоии мутахассисони касбии омӯзгорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба боз ҳам такмилёбӣ ниёз дорад. Аз ин лиҳоз, омӯзиш, таҳлилу натиҷагирӣ ва намунаи ибрат қарор додани таҷрибаи пешқадами олимону устодони мактаби олии халқамон зарур хоҳад буд;

- ***асоснок карда шудааст:*** зарурати идомаи минбаъдаии таҳқиқот ва густурдатар кардани фарогирии мавзуъ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст,*** ки дар илми таърихи ватанӣ то кунун атрофи нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX) аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти мукаммал анҷом дода нашудааст. Инчунин, саҳми олим дар илми таърихнигорӣ, махсусан, таҳқиқи таърихи ҷанги шаҳрвандии солҳои 20-уми асри XX-и Тоҷикистон дар муқоиса бо фикру андешаҳои олимону муҳаққиқони имрӯза доир ба ин масъалаи баҳсбарангези илмӣ-таърихии халқи тоҷик, ки мавриди таҳлилу баррасии илмӣ-интиқодӣ ва хулосабарори қарор дода шудааст, муайян гардидааст;

- ***усулҳои муосири*** усули методологияи таърихият асос ёфтааст, ки таввасути он воқеаҳою рӯйдодҳо дар аёми ташаккули таҳаввулот инкишоф ва робитаҳои байниҳамдигарии онҳо дарк карда мешавад. Маҳз дар ин замина ба зуҳуроти таърихӣ баҳои беғаразона, яъне, бидуни бартаридии ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва ё шахсӣ додан имконпазир мегардад;

- ***баён шудани*** яке аз сабаби асосии дилсардшавии омӯзгорони ҷавон, ин дур будани онҳо аз таърихи илму маориф, махсусан, ҳаёту фаъолияти шахсиятҳои барҷастаи ин соҳа мебошад. Барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳои омӯзгории Тоҷикистон бо сабаби барзиёдии маводи таълимӣ ва маҳдуд будани соатҳои дарсӣ, мавзуҳои фарогири таърихи илму маориф дар барномаҳои таълимӣ қариб мавҷуд нест, то омӯзгорони ояндаро ба таърихи маорифи тоҷик (махсусан, давраи шуравӣ) ошно созем;
- ***ошкор карда шудааст,*** ки барои бартараф намудани норасоии омӯзгорони асил, бояд барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳои омӯзгории Тоҷикистон соатҳои дарсӣ, мавзуҳои фарогири таърихи илму маориф дар барномаҳои таълимиро бештар намоем, то омӯзгорони ояндаро ба таърихи маорифи тоҷик (махсусан, давраи шуравӣ) ошно созанд. Зеро ин ба тайёрии касбии онҳо кумак расонда, аз неъматҳои маънавӣ баҳравар мешаванду дар кори ҳаррӯзаи худ истифода менамоянд;
- ***омӯхта шуданд*** саҳми академик Мулло Эркаев дар таърих, назария ва амалияи касби омӯзгорӣ, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи таърих муайян гардида, дар заминаи онҳо роҳу усул ва омилҳои асосии таъсиргузории раванди ташаккулёбии таълиму тарбия баён гардидаанд;
- ***муайян ва мушаххас шуданд,*** ки бори нахуст нақши академик М. Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон дар шакли комил, дар заминаи сарчашмаҳо, адабиёт, хотираҳои бевоситаи дӯстону ҳамкасбон ва шогирдони М. Эркаев ба таҳлили илмӣ кашида шуда, нақши ин шахсияти маъруфи мактаби олии давраи шуравии халқи тоҷик дар ташаккули илм ва мактаби олӣ муайян карда шудааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд:**

- ***коркард ва ҷорӣ када шуд:*** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ ва амалӣ: конференсияи илмию назариявӣ, «Саҳми академик Мулло Эркаев ва профессор Одил Маҷлисов дар рушди илми таърихи ватанӣ», 28 ноябри соли 2020, конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115 – солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров, 23 декабри 2023 ва конференсияҳои ҳарсолаи апрелии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ шунида шудаанд;

- ***муайян карда шуд:*** ки мавод, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар раванди офаридани асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи навини ватанӣ ва таърихи маорифи кишвар, дар таҳияи лексияҳои курсҳои махсус, дастурҳои илмию методӣ, оид ба таърихи ватанӣ дар мактабҳои олӣ, дар корҳои илмиву таълимӣ, маърифатӣ ва амалӣ – тарбиявии ҷавонон, ки касби омӯзгориро пеша намудаанд, метавон истифода кард;

- ***таҳия карда шуд:*** ҳангоми таҳияи нақша – барномаҳои таълимӣ, соатҳои дарсии фарогири илму маориф бояд ба назар гирифта шавад, то ки он дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои миёна ва олии касбӣ амалӣ гардида, тақвиятбахшандаи таёрии касбии омӯзгорони оянда бошад;

- ***муаррифи карда шуд:*** фаъолияти илмиву педагогии академик Мулло Эркаев дар илми таърихшиносӣ ва таърихнигории халқи тоҷик, дар давраи Шуравӣ қимати бузурги илмиро доро буданд ва то имрӯз ҷойгоҳи махсусро ба худ касб намуданду баёнгари давраи муайяни таърихи халқи тоҷик - давраи Шуравӣ ба ҳисоб меравандд. Имрӯз ва фардо бе омӯзишу таҳлили амиқи таҳқиқотҳои Мулло Эркаев ва дигар олимони ин давра, донишу фаҳмиши таърихии мо нисбат ба бурду бохти халқамон дар давраи Шуравӣ номукаммалу ноқис хоҳад монд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи таҳқиқ*** бар асоси инъикоси нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон дар солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри ХХ баҳри ташаккули низоми таълиму тарбия ва омоданамоии мутахассисони дорои дараҷаҳои илмӣ нивишта шудааст. Хулоса ва тавсияҳои дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд;
- ***ғояи*** таҳқиқот дар асоси ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, ки ба соҳаи маориф ва маълумоти олӣ вобаста буда, маҷмуаи мақолаҳою суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводҳои таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ ***асоснок шудааст;***
- ***аслият ва навгониҳои*** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба муайян намудани нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон дар асоси маводи бойгонӣ, адабиёт, хотироти дӯстону ҳамкасбон, шогирдон ва хешу табори олим ***муайян шудааст;***
- ***усулҳои муосири*** ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасии маълумот дар асоси принсипу усулҳои маъмули маърифатӣ дар илми муосири таърих – таърихият, системанокӣ, масъалагузорӣ, объективият ва беғаразӣ дар асоси арқому омор мавқеи асосиро ишғол менамоянд, истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довбаталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омадааст, ки диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзуи **«Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри ХХ)»** таҳқиқоти илмии арзишманд ва мустақилона бaанҷомрасида буда, ба талаботи

муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 дар маҷлиси худ аз 18 апрели соли 2024 (аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар ҳузур доштанд) қарор қабул намуд, ки ба диссертант Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) дода шавад.

Ҳангоми баргузории овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ), натиҷа чунин буд: аз 12 нафар аъзои Шуро – 12 нафар «ҷонибдор», «муқобил» – нест, «бюллетенҳои беэътибор» – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Саидов А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Иброҳимов М.Ф.**

***18 апрели соли 2024***